**ПРОТОКОЛИ № 31**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди**
**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

**аз 08.06.2024** **ш.Хуҷанд**

Баъди баррасии диссертатсияи **Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович** дар мавзуи **“Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тақризи роҳбари илмӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Шавкат Аҳмадович; хулосаи ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»; хулосаи муассисаи тақриздиҳанда Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, бо имзоҳои раиси ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ Лутфуллоева П.М. ва эксперт доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Давлатшоев И.; тақризи мусбати муқарризони расмӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Абдураҳимзода Қудратулло Саид ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Лоиқов Парвиз Ҷумахонович ва тақризи муқарризони ғайрирасмиро шунида муҳокима кард.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи Шуро ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастоварда, ҳамчунин аз рӯйи натиҷаҳои корҳои чопшудаи унвонҷӯ Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзуи **«Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педа-

гогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба қоидаҳо, талабот ва меъёрҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

1. Диссертатсия ва мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;

2. Ба **Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович** дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дода шавад;

3. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба **Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович** дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)-ро диҳад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессор** **Сабурӣ Х.М.**

**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионӣ, доктори**
**илмҳои филологӣ, дотсент** **Ҳамробоев Н.А.**

**08.06.2024**